**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А

Тел: 992 (372) 27 54 36/46;

E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan

Tel: 992 (372) 27 54 36/46;

E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

## АНҶОМ ЁФТАНИ ЛОИҲАИ ТАКМИЛИ ТАҶҲИЗОТИ ТИББӢ БАРОИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ КЛИНИКИИ ТИББИ ОИЛАВӢ ДАР ДОИРАИ КУМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҲУКУМАТИ ҶОПОН

Душанбе, ТОҶИКИСТОН

31 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе Вазири давлатии корҳои хориҷии Ҷопон, **ҷ-би ФУДЗИИ Хисаюки**, дар якҷоягӣ бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум ФУРУТА Кэйко**, сардори шуъбаи ислоҳот ва кумаки аввалияи тиббию санитарии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷ-би МАНОНОВ Олимҷон** ва мудири Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ **ҷ-би Салоҳиддин РАҶАБЗОДА** дар маросими ба анҷом расидани **«Лоиҳаи такмили таҷҳизоти тиббӣ барои Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»** иштирок карданд. Дар маросим кормандони тиббии Маркази болозикр низ ширкат доштанд.

Лоиҳа дар доираи Барномаи Ҳукумати Ҷопон - кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ (GPP) бо маблағи 102,480 доллари ИМА амалӣ гардид. Қабл аз татбиқи лоиҳа бо сабаби камбуди таҷҳизоти тиббӣ, Маркази номбурда натавонист барои тақрибан 6000 беморone, ки ҳамасола бо бемориҳои дил, системаи асаб, миокардит ва ғайра муроҷиат кардaнд ташхис ва муолиҷаи анҷом диҳад ва маҷбур мешуд беморонро ба муассисаҳои дигари табобатӣ равон кунад.

Марказ инчунин аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ягона пойгоҳи таълимии амалӣ дар шаҳр барои хатмкардагони муассисаҳои олии тиббӣ ҷиҳати омода кардани мутахассисони тибби оилавӣ муайян шудааст. Вале бо сабаби камбуди таҷҳизоти тиббӣ, раванди омӯзиш бештар ба машғулиятҳои синфӣ маҳдуд гашт ва ин боис мешуд, ки тақрибан 600 духтури ҷавон дар як сол натавонистанд таҷрибаи кофии амалӣ гиранд то баъди хатми таҳсил якбора кӯмаки тиббӣ расонанд.

Татбиқи лоиҳаи мазкур ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ

имкон медиҳад, ки ба мизоҷон хизматрасониҳои баландсифати тиббӣ расонад, мутахассисони ҷавон дар сохаи тандурустӣ таҷрибаи амалӣ хосил кунанд ва ҳамзамон муҳити солимро барои сокинони пойтахт ва кишвар таъмин созад. Дар назар аст, ки ҳамаи ин метавонад ба рушди соҳаи тандурустӣ дар пойтахт ва умуман кишвар мусоидат хоҳад кард.

Ҳангоми маросим **ҷ-би ФУДЗИИ Хисаюки** кормандони марказро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик намуда, қайд кард, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони ба истиқлолият ноил шудани он дар соҳаҳои гуногун ба мардумони Тоҷикистон кӯмак мерасонад ва соҳаи тандурустӣ яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳамкории дуҷониба байни Тоҷикистон ва Ҷопон мебошад.

Директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ **ҷ-би Салоҳиддин РАҶАБЗОДА** ва кормандони он ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кӯмакҳои расонидашуда изҳори миннатдорӣ карданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ "GGP" тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***468*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38.9*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 118 лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед* *https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html*







